## ҶУСТУҶӮИ КОР

www.trudvsem.ru – **Работа в России: общероссийская база вакансий Министерства труда РФ (Кор дар Россия: махзани умумироссиягии ҷойҳои холии кори Вазорати меҳнати ФР)**

www.fms.superjob.ru – **Официальная база вакансий ФГУП «Паспортно-визовый сервис МВД России» (Махзани расмии ҷойҳои холии кори КВДФ "Хадамоти шиноснома-раводидии ВКД Россия")**

### ҲИФЗИ ҲУҚУҚҲОИ МЕҲНАТӢ

**Государственная инспекция труда (Инспексияи давлатии меҳнат)**
**Москва** 8 (495) 343-91-90 git77.rostrud.ru
**Московская область** 8 (495) 343-99-54 git50.rostrud.ru
**Санкт-Петербург** 8 (812) 746-59-86 git78.rostrud.ru
**Ленинградская область** 8 (812) 612-70-34

**Прокуратура (Прокуратураи)**
**Москва** 8 (495) 683-68-74 mosproc.ru
**Московская область** 8 (495) 628-27-88 mosoblproc.ru
**Санкт-Петербург** 8 (812) 318-26-34 procspb.ru/reception
**Ленинградская область** 8 (812) 429 77 55 prokuratura-lenobl.ru

**Главное Следственное Управление Следственного комитета РФ (Сарраёсати Комитети тафтишоти ФР)**
**по г. Москве:** 8 (495) 690-25-28,
**по Московской обл.:** 8 (499) 184-00-65,
**по г. Санкт-Петербургу:** 8 (812) 571-00-40, 8 (812) 570-66-71
**по Ленинградской обл.:** 8 (800) 200-97-80.

**Уполномоченный по правам человека (Ваколатдори ҳуқуқи инсон)**
**в Москве** 8 (495) 957-05-85 http://ombudsman.mos.ru/
**в Московской области** 8 (495) 650-20-38 https://upch.mosreg.ru
**в Санкт-Петербурге** 8 (812) 764-00-54 http://ombudsmanspb.ru
**в Ленинградской области** 8 (812) 296-60-13 http://www.ombudsman47.ru/

### ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ

**БФ «ПСП-фонд»** (машваратдиҳӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ дар Санкт-Петербург) – 8 (812) 337-57-85, 8 (953) 141-31-09
psp-f.org, vk.com/pspfond

**«Гражданское содействие»** (машваратдиҳӣ ба шаҳрвандони хориҷӣ дар Москва)
8 (495) 681 18 23, refugee.ru

### ТАШКИЛОТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

**Республика Узбекистан**

**Ташкентский городской социально-информационный центр «Истикболли Авлод»** 100015,Республика Узбекистан, город Ташкент, Мирабадский район, ул. Катта Миробод, 4-ый проезд, д. 22
Тел/факс: +998 71 254-12-87 Горячая линия: +998 95 143-94-94
Наманган: +99895 301 94 94 Ургенч: +99899 509 94 94
Нукус: +99895 605 94 94 Ташкент: +99895 143 94 94
iatashkent2014@gmail.com Сайт: http://ia.uz/

**Республика Таджикистан**

**ОО «Центр по правам человека»**
Главный офис 734000, Республика Таджикистан
г. Душанбе ул. Валамадзаде 8/1, кв.30
+992 37 227-51-87, +992 918 67-96-06
Приемная юриста: +992 93 300 13 93
Сайт: www.muhojir.info Чат в Viber: muhojir.info
E-mail: hrc.tajikistan@gmail.com

**ОО «Гамхори»**
Республика Таджикистан, Хатлонская область,
г. Курган-Тюбе, ул. Космонавтов, 42/46.
+992 918 88-61-88
E-mail: bahodur9166@mail.ru

**Кыргызская Республика**

**ОО «Ресурсный центр для пожилых»**
Бишкек, +996 770 89-18-06, kyrgyzstan.rce@gmail.com

**Местные Общественные Советы по вопросам миграции (МОС) в КР:**
1. Иссык-Кульская область, г. Каракол, ул. Ленина 152
+996 778 013216; +996 704 013216
2. Таласская область, г. Талас, ул. Бердике Баатыра дом 198 кв.5
+996 556 600 295
3. Джалал-Абадская область, с. Багыш ул.Гагарина 60
+996 552 663122; + 996 772 663122
ОФ «Центр Содействия Международной Защите»
Кыргызская Республика, г. Ош, ул. Мичурина 9.
+996 3222 44-9-60, +996 3222 44-0-69
center.sip@gmail.com Сайт: www.csip.kg

### МАНБАЪҲОИ МУФИДИ ИТТИЛООТӢ

**Электронные сервисы Федеральной службы по труду и занятости**
www.онлайнинспекция.рф, www.rostrud.ru

**migrussia.ru** - «Мигранты и миграция. Межрегиональный информационный портал» - маслиҳатҳо оид ба мутобиқшавӣ ва масъалаҳои ҳуқуқӣ, робитаҳои муфид

**«МигрАзия+»** - замимаҳои мобилӣ барои муҳоҷирони корӣ ва аъзои оилаи онҳо – шаҳрвандони ЕАЭС (ИИАО) ва СНГ (ИДМ) (барои Android)

Трудоустройство и трудовые права (на таджикском языке)
Буклет разработан БФ «ПСП-фонд»
Автор-составитель: Якимов А.Н.
Тираж 2000 экз.

Публикация подготовлена в рамках проекта «Развитие сотрудничества некоммерческих организаций России и Средней Азии, направленного на адаптацию и интегрирование мигрантов в правовое и культурное поле Российской Федерации», реализуемого с использованием гранта Президента Российской Федерации на развитие гражданского общества, предоставленного Фондом президентских грантов.

Фонд президентских грантов

БФ «ПСП-ФОНД»

# Таъмини кор

# Ҳуқуқҳои меҳнатӣ

## Ба ёрии муҳоҷири меҳнатӣ

2019

Агар Шумо ба Россия мардикорӣ омада бошед, донистани ҳуқуқ ва ухдадориҳоятон хеле муҳим аст. Ин имкон медиҳад, ки аз мушкилот дур бошед.

**Маслиҳатҳои оддитарин ба Шумо ёрӣ медиҳанд:**

- **ба тарзи қонунӣ (легалӣ) кор кунед:** кори пинҳонӣ (ғайрилегалӣ) – вайронкунии қонун аст. Шумо ҳатман барои кор бояд шартномаи меҳнатӣ ё шартномаи граждани-ҳуқуқӣ дошта бошед;
- **ҳуқуқҳои худро донед:** корфармо бояд ба Шумо нусхаи шартномаи меҳнатиро бо муҳру имзои худ диҳад ва музди коратонро сари вақт пардохт кунад. Агар бо шартнома кор кунед, соҳиби ҳуқуқҳои ба рухсатӣ баромадан, рӯзҳои истироҳат ва пардохти варақаи корношоямӣ ҳангоми беморӣ мегардед;
- **корфармои худро шиносед:** Шумо бояд ном ва суроғаи ташкилотеро, ки дар он кор мекунед ва мушаххасоти роҳбари идора (насабу ном ва телефон)-и онро донед;
- **ба миёнравҳо муроҷиат накунед:** эҳтиёт шавед – миёнравҳо метавонанд Шуморо ҳамчун қувваи бепули корӣ истифода баранд;
- **дар бораи миқдор ва шартҳои пардохти музди меҳнат қатъиян шарту байъ кунед:** Шумо бояд донед, ки бароятон чӣ қадар ва барои кадом кор маош медиҳанд – ин бояд дар шартнома навишта шавад. Шумо маблағро ё дар корти бонкӣ, ё бевосита дар муҳосибот шахсан ва бо гузоштани имзо гиред. Шумо ҳақ доред, ки аз муҳосибот варақаи ҳисобӣ гиред. Агар аз Шумо қарздор бошанд, аз корфармо забонхат талаб кунед ва онро нигоҳ доред;
- **ҳамаи ҳуҷҷатҳоро пеш аз имзо кардан бодиққат хонед ва нусхаи онҳоро талаб кунед:** Шумо ҳуқуқ доред, агар бо мундариҷа ва шартҳои ҳуҷҷатҳо розӣ набошед, ба онҳо имзо нагузоред. Агар ҳуҷҷат бевосита ба Шумо дахл дошта бошад, ба Шумо бояд нусхаи онро диҳанд;
- **ба корфармо ҳуҷҷатҳои худро надиҳед:** ҳеҷ кас ҳуқуқ надорад, ки шиноснома, патенти кор, суғурта, нусхаи шартномаи меҳнатӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои Шуморо ҳамчун замонат гирад, гаштугузори Шуморо маҳдуд кунад, телефонатонро тасарруф намояд. Агар шиносномаи Шуморо гиранд, ё озодии Шуморо маҳдуд кунанд, ин ҷинояти сахт аст: дар ин ҳолат ба политсия муроҷиат кунед!
- **ёрӣ талаб кунед:** агар корфармо ҳуқуқҳои Шуморо поймол кунад, ба Шумо политсия, прокуратура, Ваколатдори ҳуқуқи инсон, инспексияи меҳнат, суд, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ёрӣ мерасонанд.

# ҲУҚУҚҲОИ МЕҲНАТИИ ХУДРО ЧӢ ТАВР БОЯД ҲИМОЯ КАРД

Ҳуқуқҳои меҳнатии корманд дар Трудовой кодекс РФ (ТК РФ) - Кодекси меҳнати ФР (КМ ФР) муайян карда шудаанд.

## ҲИМОЯИ ҲУҚУҚ ҲАНГОМИ ТАЪМИН БО КОР

Шартномаи меҳнатиро ба Шумо на дертар аз 3 рӯзи оғози кор бояд диҳанд. Муносибатҳои меҳнатӣ аз лаҳзаи оғози кор сар мешаванд (моддаи 67 ТК РФ - КМ ФР).

Корфармо ухдадор аст, ба ҳар корманде, ки тибқи шартномаи меҳнатӣ беш аз 5 рӯз дар корхонаи ӯ кор мекунад, дафтарчаи меҳнатӣ кушояд (моддаи 66 ТК РФ – КМ ФР).

Қабул ба кор бо амри корфармо сурат мегирад. Корманд ҳуқуқ дорад, нусхаи амрро оид ба қабул шудан ба кор гирад (моддаи 68 ТК РФ –КМ ФР).

Корфармо ухдадор аст, музди ҳамаи рӯзҳои кори корманд ва ҳаҷми корҳои иҷрошударо, ҳатто дар сурати байнашон набудани шартнома ҳам пардохт намояд (моддаи 67.1 ТК РФ – КМ ФР).

## ҲИМОЯТ АЗ ҚАРЗКОРӢ (ЗАЁМНЫЙ ТРУД).

Қарзкорӣ – аз тарафи корфармо ба ташкилотҳои дигар фиристонидани кормандони худ бе даровардани расмиёти муносибатҳои меҳнатӣ мебошад. Қарзкорӣ дар ФР манъ карда шудааст (моддаи 56.1 ТК РФ – КМ ФР).

Агентиҳои хусусии шуғл метавонанд кормандони худро ба дигар ташкилотҳо ё шахсони воқеӣ пешниҳод кунанд, аммо дар ин сурат ухдадоранд:

- дар шартномаи меҳнатӣ зикр кунанд, ки корманд дар ташкилоти дигар кор мекунад;
- бо корманд дар ҳар мавриди фиристониданаш ба ташкилоти дигар шартномаи иловагӣ банданд.

Агар Шумо ба агентии хусусии шуғл муроҷиат кардед, ҳатман таваҷҷуҳ кунед, ки ҳамаи ин шартҳо дар шартнома зикр шуда бошанд.

**! Ҳамаи агентиҳои хусуси шуғл дар феҳрист (реестр)-и роструд сабт шудаанд – ҳатман тафтиш кунед, корфармои Шумо дар он рӯйхат ҳаст ё не: https://www.rostrud.ru/opendata/7712345678-chaz!**

## ҲИМОЯТ АЗ ИХРОҶИ ҒАЙРИҚОНУНӢ

Бе фаҳмонидани сабабҳо аз кор хориҷ кардан манъ аст (моддаи 76 ТК РФ – КМ ФР). Хориҷ кардан аз кор маънии напардохтани муздро барои давраи пешинаи кор надорад.

Агар шартномаи меҳнатӣ ба охир расида бошад, корфармо ухдадор аст, ки маоши кормандро дар рӯзи хориҷ шудан ё рӯзи дигараш баъди талаби хаттии корманд дар бораи пардохти маош пурра пардохт кунад (моддаи 84.1 ТК РФ, ст. 140 ТК РФ – КМ ФР).

Ҳангоми хориҷ кардани корманд ҳатман амри хориҷшавӣ дода шуда, дафтарчаи меҳнатияш бо навиштаи хориҷ шудан ба ӯ баргардонида шавад.

## ҲИМОЯИ ҲУҚУҚ ДАР ҲОЛАТИ ТАЪХИР ЁФТАНИ ПАРДОХТИ МАОШ

Агар пардохти музди меҳнатро бештар аз 15 рӯз кашол диҳанд, корманд ҳуқуқ дорад, ки корро то гширифтани маош қатъ кунад (қ. 2 моддаи 142 ТК РФ –КМ ФР). Корманд дар ин бора ба корфармо бояд хаттӣ хабар диҳад.

Корфармо барои таъхири музди меҳнат ва дигар вайронкуниҳои падохти маош масъул аст (моддаи 142 ТК РФ-КМ ФР).

## ҲИМОЯ АЗ ҶАРИМАҲОИ ҒАЙРИҚОНУНӢ

Агар корманд ухдадориҳои меҳнатии худро иҷро накунад, корфармо ба ӯ метавонад огоҳии хаттӣ диҳад, танбеҳ (выговор) эълон намояд ё бо тартиби муқарраршуда аз кор хориҷ кунад (моддаи 192 ТК РФ-КМ ФР).

Ҷарима барои иҷро накардани ухдадориҳои меҳнатӣ ғайриқонунӣ аст!

## ХУДҲИМОЯ

Корманд метавонад ҳуқуқҳои худро мустақилона ҳимоя кунад. Корфармо ҳуқуқ надорад, ба корманд барои ҳимояи ҳуқуқҳои меҳнатии худ халал расонад, наметавонад ӯро дар вақти баҳси меҳнатӣ аз кор хориҷ кунад (моддаи 380 ТК РФ-КМ ФР).

Корманд ҳуқуқ дорад аз корфармо нусхаҳои шартномаи меҳнатӣ, фармонҳо, созишномаҳои иловагӣ, варақаҳои ҳисобӣ ва ғайраро талаб кунад (моддаи 62 ТК РФ-КМ ФР). Корфармо вазифадор аст, ки ин нусхаҳоро дар муҳлати 3 рӯзи кории баъди гирифтани ариза ба корманд диҳад.

## ЁРИИ ИТТИФОҚИ КАСАБА

Ҳар корманд ҳуқуқи ба иттифоқи касаба аъзо шудан ва бо ёрии он ҳимоя кардани ҳуқуқҳои худро дорад.

## НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ РИОЯИ ҚОНУНГУЗОРИИ МЕҲНАТ

Барои риояи қонунгузории меҳнат инспексияи меҳнат ва прокуратура масъул мебошанд (моддаҳои 353, 356 ТК РФ-КМ ФР).

Управление по вопросам миграции МВД РФ – Раёсати масъалаҳои муҳоҷирати ВКД ФР метавонад корфармоpo барои вайрон кардани қонун ҳангоми бо кор таъмин кардани шаҳрвандони хориҷӣ ба ҷавобгарӣ кашад.

Дар ҳолати ду моҳ ва бештар аз он напардохтани музди меҳнат Шумо метавонед ба Следственный комитет РФ (Комитети тафтишотии ФР) муроҷиат кунед: ба муҳлати дароз кашол додани пардохти музди меҳнат ҷиноят аст (моддаи 145.1 Уголовный кодекс РФ – Кодекси ҷиноятии ФР).

## ҲИМОЯИ СУДӢ

Корманд ҳуқуқ дорад дар муҳлати се моҳ аз рӯзе, ки ӯ аз поймолшавии ҳуқуқаш огоҳ шудааст, дар масъалаи хориҷ шудан аз кор – дар муҳлати як моҳи баъди ба дасташ додани фармони хориҷшавӣ, ё аз рӯзи ба ӯ додани дафтарчаи меҳнатӣ ба суд муроҷиат кунад (моддаи 392 ТК РФ – КМ ФР).